"Тасдиқ мекунам"
Директори Институти забон ва адабиёти
ба номи Рӯдакии АМИТ
номзади илмҳои филологӣ, дотсент
_______________ Шарифзода Б.
"04" ____12____ соли 2020

ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Юсупов Шоҳин Раҳимбердиевич "Хусусиятҳои морфологии "Ҷомеъ-ут-таворих" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – забони тоҷикӣ)**

Дар таърихи забони адабии тоҷикӣ омӯзиш ва пажӯҳиши сохти грамматикии забони асарҳои нависандагони асрҳои X-XIV хеле муҳим аст, чунки маҳз дар ҳамин давраҳо, забони адабии тоҷикӣ шакли мукаммал гирифтааст.

Пас аз ҳамаҷониба омӯхтани вижагиҳои забони асарҳои ин давра имконият ба вуҷуд меояд, ки ба андешаҳои оид ба масъалаҳои ҷудогонаи грамматикаи забони адабии тоҷикӣ баёнгардида аз нуқтаи назари забоншиносӣ баҳои дақиқ дод.

Яке аз ин гуна вазифаҳо таҳлил ва таҳқиқи сохти грамматикӣ, луғот ва услуби забони осори нависандагони алоҳида мебошад. Аз ин ҷиҳат, таҳлили забони "Ҷомеъ-ут-таворих"-и Рашидуддин Фазлуллоҳи Ҳамадонӣ дар равшан намудани баъзе хусусиятҳои луғавӣ ва грамматикии забони давр яке аз масъалаҳои муҳими забоншиносии тоҷик ба шумор меравад.

"Ҷомеъ-ут-таворих" аз ҷониби Рашидуддин Фазлуллоҳи Ҳамадонӣ таълиф гардида, ба таърихи пайдоишу ташаккули қавму қабилаҳои муғул бахшида шудааст. Ин рисолаи таърихӣ яке аз бузургтарин осори адабии асрҳои XIII-XIV буда, баёнгари тағйироту таҳаввулоти забони форсӣ-дарӣ дар ин давра мебошад.

Вижагиҳои морфологӣ ва масъалаҳои марбут ба он яке аз мавзӯъҳои бисёр муҳим буда, дар забон ҷойгоҳи махсуси худро доранд.

Мусаллам аст, ки забони асарҳои таърихӣ аз нуқтаи назари хусусиятҳои морфологӣ дорои маводи рангоранг ва ғанӣ мебошанд ва аз ин вижагиҳо рисолаи “Ҷомеъ-ут-таворих” низ истисно нест. Дар ин асари таърихӣ захираҳои грамматикии забони адабӣ ва умумихалқӣ дар алоқамандӣ бо ҳамдигар истифода шудааст. Инчунин доир ба хусусиятҳои морфологӣ маводи фаровоне ба мушоҳида мерасад, ки дар диссертатсия баррасӣ шудаанд.

Бинобар ҳамин, аҳамияти омӯзиш ва баррасии ин мавзӯъ иборат аз он аст, ки роҷеъ ба ин масъала дар забоншиносии тоҷик, ба истиснои бархе аз корҳои иҷмолӣ таҳқиқоти ҷудогонае рӯйи кор наомадааст. Аз ин рӯ, пажӯҳиши хусусиятҳои морфологии “Ҷомеъ-ут-таворих” хеле бамаврид ва судманд буда, ба ин восита бисёр паҳлуҳои морфологии забони асар муайян мегардад.

Ҳадафи асосии ба риштаи таҳқиқ кашидани вижагиҳои морфологии “Ҷомеъ-ут-таворих” ташаккули низоми грамматикии забони тоҷикӣ аст.

Навгонии диссертатсия дар он таҷассум мегардад, ки ин масъала бори нахуст ҳамчун таҳқиқоти алоҳида дар чунин шакл ба риштаи пажӯҳиш даромадааст.

Диссертатсия дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ буда, натиҷаҳои онро дар лексияву машғулиятҳои амалии мактабҳои олӣ, таълими дастури забони тоҷикӣ истифода намуда, метавон барои донишҷӯёни бахшҳои тахассусӣ (филологӣ) воситаҳои таълимӣ таҳия кард.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати адабиёт иборат мебошад.

Дар муқаддимаи диссертатсия тибқи анъана аҳамият, зарурату ҳадафи интихоби мавзӯъ, дараҷаи омӯзиш, вазифаҳои пажӯҳиш, навгониҳо, муҳиммияти назариявӣ ва амалӣ, усулҳои таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот ва амсоли онҳоро фаро гирифтааст.

Боби аввали диссертатсия “Хусусиятҳои морфологии ҳиссаҳои номии нутқ” унвон дошта, аз чор фасл таркиб ёфтааст. Фасли якум “Хусусиятҳои

морфологии исм” ном дорад, муҳаққиқ дар ин фасли диссертатсия категорияҳои грамматикии муайянӣ ва номуайянӣ, шумораро таҳлил кардааст. Фасли дуюм ба “Хусусиятҳои морфологии сифат” бахшида шудааст. Дар фасли сеюм, ки “Хусусиятҳои морфологии шумора” ном гирифтааст, шумораҳои микдориву аслӣ, касрӣ, тахминӣ ва тартибии “Ҷомеъ-ут-таворих” мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст. Фасли чорум ба таҳқиқи “Хусусиятҳои морфологии ҷонишин” алоқаманд буда, дар ин банд ҷонишинҳои шахсӣ, таърихи пайдоиши онҳо, ҷонишини нафсӣ-таъкидии *худ* синоними он *хеш*, ҷонишинҳои ишоратӣ, таъйинӣ, номуайянӣ, саволӣ, манфӣ, муштарак маълумоти муфассал ироа гардидааст.

Боби дуюм “Хусусиятҳои морфологии феъл ва зарф” номгузорӣ шуда, аз ду фасл иборат аст. Дар фасли аввал, ки “Хусусиятҳои морфологии феъл” ном дорад, ба шаклҳои тасрифшаванда ва тасрифнашавандаи феъл гурӯҳбандӣ шуда, таҳлил ва таҳқиқ гардидаанд. Инчунин феълҳои рисоларо муаллиф аз рӯи сохт: сода, сохта ва таркибӣ ҷудо намуда, мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Фасли дуюм “Хусусиятҳои морфологии зарф” буда, дар бораи зарфҳои микдору дараҷа, тарзи амал, замон, макон, мақсад маълумот дода шудааст. Муҳаққиқ дар асоси вижагиҳои морфологии феълу зарф ва ташаккулу таҳаввули онҳо таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, доираи истифодабариашонро дар давраҳои гуногун муайян кардааст.

Боби сеюм “Хусусиятҳои морфологии ҳиссаҳои ёвар” ном дошта, фарогири чор фасл мебошад. Диссертант дар фасли аввал “Хусусиятҳои морфологии пешоянду пасояндҳо”-ро ба риштаи пажӯҳиш даровaрда, бо шоҳидҳо аз “Ҷомеъ-ут-таворих” андешаҳои худро тақвият бахшидааст. Фасли дуюм ба таҳлил ва таҳқиқи пайвандакҳои пайвасткунандаи асар алоқаманд аст. Ҷо-ҷо дар ин банд бархе аз пайвандакҳо бо забонҳои қадима муқоиса шудааст.

Дар фаслҳои сеюму чорум дар бораи хусусиятҳои морфологии ҳиссачаву нидо маълумот дода мешавад. Аз маводи таҳқиқотӣ маълум

мешавад, ки аз ҳиссаҳои дигари нутқ дида, нидо камтар истифода гардидааст. Дар диссертатсия танҳо нидои *эй* таҳқиқ ва бо чанд мисол тавзеҳ ёфтааст.

Ҳамин тавр, ҷанбаи илмӣ ва назариявии диссертатсия мувофиқи матлаб буда, нигорандаи он то ҷойи имкон аз сарчашмаҳои хориҷӣ ва ватанӣ истифода намудааст, ки ин ҳам яке аз комёбиҳои муҳаққиқи ҷавон дар ҷодаи илм мебошад.

Автореферати диссертатсия муҳтавои онро пурра инъикос менамояд.

Бо вуҷуди ин, дар баробари дастовардҳои арзишманди илмӣ бархе аз нуктаҳои баҳсталаб, камбудиву норасоиҳо, ғалатҳои услубиву мантиқӣ, имлоӣ, техникӣ дар ва ғайраҳо диссертатсия роҳ ёфтааст, ки аз чунин бандҳо иборатанд:

1. Дар қисмати муқаддамотӣ, дар банди сохтори диссертатсия агар дар бораи масъалаҳои баррасишудаи муқаддима ва бобҳо маълумоти мухтасар дода мешуд, аҳамияти илмии корро афзун месохт.

2. Иқтибосҳо ва қоидаҳои маъмул, ки дар бораи ҳиссаҳои нутқ мавҷуданд, зиёд ба мушоҳида мерасад. Ба ҷойи онҳо агар мисолҳо аз "Ҷомеъ-ут-таворих" бештар таҳлил мешуд, беҳтар буд.

3. Бештар иқтибосҳо дар нохунак гирифта нашудаанд ва оғозу анҷоми онҳо дақиқ нест. Пеш аз овардани иқтибос мувофиқи қоида аввал ду нуқта гузошта мешавад, пас аз он нохунак кушода шуда бо ҳарфи калон оғоз мегардад ва дар охир нохунакро пӯшида, баъд сарчашмаро нишон медиҳанд, ки дар якчанд маврид ин қоида риоя нашудааст.

4. Дар баъзе саҳифаҳои диссертатсия муҳаққиқон дар шакли ҷамъ омада, сарчашмаи он дар шакли танҳо нишон дода мешавад (саҳ. 35, 40, 41, 47, 56, 65).

5. Муҳаққиқ иқтибосеро аз асари Б. Сиёев, ки ӯ ҳам иқтибосро аз сарчашмаҳои дигар истифода кардааст, чунин овардааст: "Оид ба таърихи пайдоиш ва шаклгирии вожаи *ҳамгинон* муҳаққиқон Патс ва Ринкинг чунин андеша доранд ..." гуфта, андешаи онҳо оварда мешавад, вале дар сарчашма Б. Сиёев ишора шудааст (саҳ. 65).

6. Боби сеюм “Хусусиятҳои морфологии ҳиссаҳои ёвар” номгузорӣ шудааст ва ба андешаи мо “Вижагиҳои морфологии ҳиссаҳои ёвари нутқ” унвон мегирифт, хубтар ва дақиқтар ба назар мерасид.

7. Дар рӯйхати адабиёт ҳам баъзе камбудиҳо роҳ ёфтааст: а) миқдори саҳифаҳои баъзе асарҳо дар рӯйхати адабиёт нишон дода нашудааст; б) нашриёти баъзе сарчашмаҳо маълум нест; в) хронология риоя нагардидааст; г) дар бархе ҷойҳо тартиби алифбо низ вайрон шудааст.

8. Дар рӯйхати адабиёт гуногунрангӣ ба мушоҳида мерасад: а) Автореф. дисс. канд. фил. наук. (саҳ. 138, 139); б) Автореф. дис. канд. филол. наук. (саҳ. 139); в) Автореф. канд. дис. (саҳ. 138, 139); г) Автореф. канд. дисс. (саҳ. 139, 141);

9. Ғалатҳои имлоӣ, техникӣ ва услубиву мантиқӣ (саҳ. 4, 7, 13, 15, 20, 21, 22, 31, 35, 40, 41, 44, 47, 50, 51, 52, 53, 56, 65, 67, 69, 72, 75, 83, 86, 90, 91, 95, 96, 108, 112, 113, 114, 117, 118, 119).

Дар маҷмуъ, камбудиву норасоиҳо, ғалатҳои мавҷуда моҳияти илмӣ ва дастовардҳои муҳаққиқро коста намесозанд. Ғалату нуқсонҳои роҳёфтаислоҳшаванда буда, ислоҳи онҳо боиси беҳтар гардидани ҷанбаҳои илмии диссертатсия маҳсуб меёбад.

Мазмуну мундариҷаи диссертатсия бо автореферат, ки бо ду забон: тоҷикӣ ва русӣ таълиф ёфтааст, мувофиқат мекунад. Дар хулосаи мухтасари кор, ки дар охири автореферати диссертатсия ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ таҳия шудааст, мазмуни асосии кори илмӣ ба сурати мухтасар мутобиқи матлаб баён гардидааст. Инчунин муҳтавои корро мақолаҳои ба нашр расондаи муаллиф пурра инъикос мекунанд.

Диссертатсияи Юсупов Шоҳин Раҳимбердиевич дар мавзӯи “Хусусиятҳои морфологии “Ҷомеъ-ут-таворих” таҳқиқоти баанҷомрасида ба ҳисоб рафта, посухгӯ ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад ва муаллифи он сазовори соҳиб гардидан ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – забони тоҷикӣ) аст.

Тақриз дар ҷаласаи Шуъбаи забони Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдулло Рӯдакии АМИТ муҳокима гардидааст. Дар ҷаласа 9 нафар иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор” – 9 нафар, “муқобил” – нест, суратҷаласаи № 11/20 аз 4-уми декабри соли 2020.

**Раиси ҷаласа,**
доктори илмҳои
филологӣ, мудири шуъбаи
фарҳангнигорӣ ва истилоҳот,
узви вобастаи АМИТ Назарзода Сайфиддин

**Эксперт,**
номзади илмҳои
филологӣ, мудири шуъбаи забони
Институти забон ва адабиёти ба номи
Абӯабдулло Рӯдакии АМИТ Мирзоев Сайфиддин

**Котиби ҷаласа,**
номзади илмҳои филологӣ,
ходими илмии шуъбаи забони
Институти забон ва адабиёти ба номи
Абӯабдулло Рӯдакии АМИТ Шарифова Гулчаҳон

Суроға: 174025 Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21
Тел: 227-27-52
Сайт: htt://anrt.tj
E-mail: sayf_yagnob@mail.ru
Тел: 919 80 38 20

Имзоҳои С. Назарзода, С. Мирзоев
ва Г. Шарифоваро тасдиқ мекунам.
Сардори шуъбаи кадрҳои Институти забон ва
адабиёти ба номи
Абӯабдулло Рӯдакии АМИТ Ҳилола Нарзиқулова